Кӯшунхои зудамали Вазорати мудофиа бо Фармони Президенти мамлакат мохи сентябри соли 2003 бунёд ёфтааст.  Бунёди ин навъи Куввахои Мусаллахи чумхурӣ дар доираи навсозӣ ва бе зиёд намудани шумораи умумии артиши миллии Точикистон сурат гирифт. Ба хайати он хама кисмхои низомии десантӣ, тирандозони кӯхӣ, кисмхои таъиноти махсус, Полки мухандисӣ-сапёрӣ  ва як катор чузъу томхои дигар шомил гаштанд.Айни хол  чузъу томхои Бригадаи десантӣ-зарбавии Кӯшунхои зудамали Вазорати мудофиа ба Куввахои муштараки вокуниши фаврии кишвархои аъзои Созмони ахдномаи амнияти дастачамъӣ ва се баталёни он ба нерӯхои муштараки зудамали минтакаи Осиёи Марказӣ шомил мебошанд.



Хайати шахсии чузъу томхои ин бригада аз рӯи барномаи махсуси таълимӣ фаъолият намуда, омодагии баланди чангӣ доранд. Омодагии зиддитеррористии худро хайати шахсии чузъу томхои он, дар машкхои дохил ва хорич аз кишвар бо нерӯхои кишвархои аъзои Созмонхои байналмилалии бо мо хампаймон мунтазам сайкал медиханд. Дар замони муосир кувваи асосие, ки ба амнияти минтакавию чахонӣ тахдиди хатар мекунад, ин терроризми байналмилалӣ ва экстремизми сиёсӣ аст. Аз ин рӯ, хадафи асосии бунёди Кӯшунхои  зудамал ин чорӣ намудани усулхои нави омодагӣ бар зидди ин гуна нерӯхо ва дар мачмӯъ зудамал ва кобили чангу харб намудани хама Куввахои Мусаллах аст. Бо назардошти ин гуна хусусиятхо чузъу томхои десантии Кӯшунхои зудамал аз чумлаи Куввахои эхтиётии Президенти Чумхурии Точикистон, Сарфармондехи Олии Куввахои Мусаллах Эмомалӣ Рахмон буда, хайати шахсии он барои ичрои супоришхои вазнин ва махсусан мухим пешбинӣ шудаанд.